**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________ Убайдулло Асрорзода
«12» январ соли 2024

**БАРНОМАИ ҲИФЗИ НАБОТОТ, ҲАЙВОНОТ ВА ЗАХИРАҲОИ ГЕНЕТИКӢ**

**1. Номи барнома:** «Green Heritage» - Барномаи ҳифзи наботот, ҳайвонот ва гуногунии агробиологии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**2. Ҳадафи умумии барнома:** Ҳифзи гуногунии биологӣ, намудҳои нодир ва эндемикии наботот ва ҳайвоноти хоси Тоҷикистон, инчунин захираҳои агрогенетикӣ, ки барои амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори сайёҳӣ арзишманд мебошанд.

**3. Вазифаҳои асосӣ:**

1. Ташкили қитъаҳои сабз дар ҳудуди кампус (боғҳо, гармхонаҳо).
2. Ҳифзи растаниҳои ороишӣ ва шифобахше, ки ба минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон хосанд.
3. Ташкили бонки генетикии тухмӣ ва растаниҳо.
4. Ворид намудани курсҳо оид ба экология, экологияи кишоварзӣ ва кишоварзии устувор (ба нақшаҳои таълимӣ).
5. Ҷалби шарикони байналмилалӣ (CAREC, GIZ, OSCE).

**4. Объектҳо ва минтақаҳои ҳифзшаванда**

| Намуди объект | Ҷойгиршавӣ | Ҳадаф | Мақом |
|---|---|---|---|
| Қитъаи ботаникӣ “Green Campus” | Кампусҳои асосӣ (Душанбе ва Левакант) | Ҳифзи растаниҳои ороишӣ ва нодир | Фаъол |
| Гармхонаи таълимӣ | Кампусҳои асосӣ (Душанбе ва Левакант) | Омӯзиши амалӣ ва сайёҳии кишоварзӣ | Фаъол |
| Қитъаи таҷрибавии саҳроӣ | Шуъбаҳо дар вилояти Хатлон (Данғара ва Левакант) | Парвариши намудҳои нодир | Фаъол |
| Бонки генетикии | Институти илмию тадқиқотии | Ҳифзи тухмҳо ва намунаҳои растаниҳо | Аз соли 2024 ҷорӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| тухмӣ | рушди устувор ва иқтисоди сабз | | шудааст, фаъол |

## 5. Намудҳо ва миқдор

| Категория | Миқдори намудҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|
| Растаниҳои ороишӣ | 35 | Дар гулгаштҳои кампус |
| Дарахтони мевадиҳанда | 100 | Қисмати ботаникӣ “Green Campus” |
| Гиёҳҳои шифоӣ | 12 | Маҷмӯи таълимӣ |
| Зироатҳои саҳроӣ | 8 | Қисмати агрономӣ |
| Растаниҳои эндемикӣ | 4 | Нигоҳдорӣ дар гармхона |

## 6. Давомнокӣ ва намуди нигоҳдорӣ

Мӯҳлати амал: солҳои 2024-2030.

Мӯҳлати нигоҳдории маводи тухмӣ: 1- 8 сол.

Усулҳо: гербаризатсия, нигоҳдории герметикӣ, шинондан ба хок, фотокаталогсозӣ

## 7. Ҳадафи аудитория ва шарикон

1. Донишҷӯёни факултетҳои сайёҳӣ, иқтисод ва муносибатҳои байналмилалӣ.
2. Кормандони илмии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз.
3. Волонтёрҳо ва хонандагони литсейи донишгоҳ.
4. Шарикон: Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, САҲА.

## 8. Натиҷаҳои пешбинишуда

1. Нигоҳдорӣ ва парвариши зиёда аз 50 намуди растаниҳо.
2. Бунёди майдони илмӣ-таҳқиқотӣ «Green Heritage Campus».
3. Тайёр кардани ҳисоботи солона оид ба гуногунии биологӣ.
4. Густариш додани ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои байналмилалӣ.
5. Ҷалб кардани донишҷӯён ва хонандагон ба эковолонтёрӣ.

## 9. Сохторҳои масъул

1. Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз.
2. Кафедраи экология.

## 10. Сатҳи иҷроиш

Барномаи нигоҳдорӣ беш аз 75 % иҷро шудааст. Корҳо оид ба кабудизоркунӣ, ташкили гармхонаҳо ва бонки тухмӣ ба анҷом расиданд.